# ПРОТОКОЛИ № 13

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

10 апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** Муродзода А.А.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ба ҳимояи такрорӣ қабул намудани диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Пирумшоев Ҳ. ва аъзои комиссия Додхудоева Л.Н. ва Раҳимов Н.Т. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Зикриёева Малика Файзиевна - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна - номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 18 июни соли 2026, соати $13:^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор - 13, муқобил -нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, дотсент Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори
фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.

10 апрели соли 2026